# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Рисолаи омоданамудаи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба таҳқиқи хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммал Ғоиб бахшида шудааст.

Муаллиф ба мақсади гузштааш ба пуррагӣ ба ноил гаштааст.

Аз автореферат маълум гашт, ки дар рисола методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, сохторӣ ва ғайра истифода шудааст.

Бори нахуст хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб дар адабиёти муосири тоҷик мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Чӣ тавре, ки дар автореферат дарҷ гаштааст, шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб ва эҷодиёти гуногунжанру гуногунмавзуи ӯ бо суннатпардозию навгониҳо ғановати адабии моро фузун сохта, гузаштаро ба имрӯза ва имрӯзаро ба оянда пайванд медиҳад ва дар тарғиби худшиносӣ, меҳандӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ тафоҳуми иҷтимоӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ ва ғайра метавонад аз ҳар ҷиҳат мусоидат намояд.

Рисола аз се боб 3 боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 166 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Боби якум қисмати назаривии корро дар бар мегирад, ки ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст. Диссертант дар ин боб ақидаи олимону донишмандонро роҷеъ ба мавзӯъ овардааст, кӣ мубрам ва айни муддао мебошанд.

Боби дувуми таҳқиқот «Хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ном дошта, таҳлили ашъори суннатӣ ва дигар анвои шеърӣ, ҷойгоҳи ғазалу

рубой, дубайтиҳо, чаҳорпора, шеъри озод ва мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти адибро дар бар гирифтааст.

Боби савуми таҳқиқот – «Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори Муҳаммад Ғоиб аз ду фасл иборат буда, ба пажуҳиши махсусиятҳои осори шоир, жанр ва сохтори ашъори ӯ, мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир ва баррасии ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб бахшида шудааст.

Хулосаҳои худро дар охири автореферат асоснок ҷамъбаст намуда, тавсияҳо оиди истифодаи илмии натиҷаҳо хело муфид оварда шудааст.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои назарии адабиётшиносии тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб яке аз қисматҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, барои тарбияи ғоявӣ, бадеӣ, ватандӯстӣ ва зебоишиносӣ нақши созгор мебозад.

Таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб барои муҳаққиқони ҷавон ва пажуҳишгарони оянда раҳнамои хуб буда метавонад.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ пешниҳод ва ҳамчунин дар 8 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи банашррасида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати назариявии кор мушоҳидаҳои аниқи худро бо хулосаҳои дигар муҳаққиқон муқоиса менамуд.

Дар маҷмуъ, камбудии ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар охири автореферат хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба тарзи фишурда инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб" таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз: мудири кафедраи адабиети ҷахон
Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия
Профессор, н.и.ф. Рахманов Б.Р.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, г. Мирзо Турсун-заде, 30

Имзои "Тасдиқ менамоям"